**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-055**
**дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**бо суроғаи: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17**

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович дар мавзӯи “Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқӣ” (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 - Баҳисобгирӣ ва аудит**

Электроэнергетика бахши калидӣ ва асосии иқтисодиёти Тоҷикистон буда, талаботро ба нерӯи барқ ва гармӣ таъмин менамояд, ки он шабакаи ягонаи миллии нерӯи барқ, шабакаҳои ҳудудии тақсимотӣ ва низоми ягонаи назоратӣ - танзимотӣ, низоми муносибатҳои марбут ба истеҳсол ва фурӯши нерӯи баркро дар бозорҳои яклухт ва чакана муаррифӣ мекунад.

Дар шароити бозор, дар баробари ҷустуҷӯи роҳҳои истифодаи самарабахши захираҳо, корхонаҳои энергетикӣ бо мушкилоти зерин, аз ҷумла мавҷуд набудани заминаи мукаммали меъёрӣ - ҳуқуқӣ барои ташаккули арзиши аслии маҳсулоти энергетикӣ, ки ба коҳишёбии нерӯи илмӣ-техникӣ ва ташаккули иқтидори соҳа, сиёсати нархгузории оқилонаи нархномаҳои ибтидоии энергетикӣ ва афзоиши нарх таъсир мерасонанд, дучор меоянд.

Дар байни бисёр мушкилиҳои мураккаби дар назди бахши энергетикӣ истода ба асосҳои иқтисодии фаъолияти ин соҳа, аз ҷумла низоми муносибатҳо оид ба истеҳсол, тақсимот ва фуруши нерӯи барқ ва гармӣ тибқи нархномаҳое, ки барои ҳар як категорияи истеъмолкунандагон қобили қабуланд, диққати махсус додан лозим аст. Бо назардошти ҳамин мавзӯи тадқиқоти илмии диссертатсия, яъне “Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқӣ” (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон) басо ҳам актуалӣ мебошад.

Дар кори илмии унвонҷӯ моҳияти назарявии мафҳуми “хароҷоти интиқол ва таъмини нерӯи барқ”, таснифи онҳо аз ҳисоби консепсияи

рушди мутавозини миллӣ омӯхта шуда, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва амалияи байналмилалӣ оид ба ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷоти истеҳсолӣ (аз ҷумла хароҷоти субъектҳои комплекси сӯзишворию энергетикӣ) гузаронида шудааст. Инчунин аз ҷониби унвонҷӯ хусусиятҳои ташкили баҳисобгирии идоракунии дохилии хароҷот барои интиқол ва таъмини нерӯи барқ омухта шуда, масоили такмили ҷузъи баҳисобгирӣ - таҳлилии таъминоти иттилоотӣ оид ба ташаккули хароҷот, асосноксозии истифодаи усулҳои амалии ҷамъбасти баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар санаи ҳисоботӣ тадқиқ гардидаанд.

Аз автореферат дида мешавад, ки дар мавриди тадқиқи равишҳои методӣ ва ташкилӣ - амалии аудити идоракунии дохилии хароҷоти интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ, муайянсозии равишҳои методӣ, маъмурӣ - ташкилии ташкили аудити идоракунӣ ва марҳилаҳои он, асосноксозии истифодаи технологияи коркарди автоматии ҷараёнҳои иттилоотӣ ва истифодаи усулҳои моделссозии математикии моддаҳои арзиши аслӣ барои оптимизатсияи хароҷоти интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ пешниҳод карда шудааст, ки ин тасдиқи амалии натиҷаҳои назарявии тадқиқот мебошад.

Натиҷаҳои тадқиқоти ошкор намудаи унвонҷӯ ин аст, ки хусусиятҳои хоси соҳаҳои танзими фаъолияти амалиётии корхонаҳои тақсимоти нерӯи барқ тавсифи дурусти таъминоти баҳисобгирию таҳлилии онро муайян мекунанд. Исбот шуд, ки самаранокии заминаи иттилоотӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба беҳтарсозии баҳисобгирии хароҷоти интиқол ва таъмини нерӯ муносибати маҷмӯии баҳисобгирию маъмуриро дар ташаккули он дар марҳилаҳои зерин таъмин менамояд: мониторинги омилҳои макроиқтисодӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили хароҷот, ҷамъбасти тартиботи таҳлилии нишондиҳандаҳои самаранокии назорати ҷараён, истифодаи усулҳои инноватсионии таҳлили хароҷоти стратегӣ (аз ҷумла, ҳангоми гузариш ба танзими ҳавасмандгардонӣ) таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳо дар низоми идоракунӣ барои хароҷот оиди интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ.

Умуман, муаллиф тадқиқоти илмиро бо риояи ҳамаи талаботҳои иҷроиши он ба итмом расонидааст, ки он дорои аҳамияти илмӣ мебошад.

Бо баробари ҷанбаҳои мусбии тадқиқоти илмӣ, якчанд камбудиҳои зерин дида мешавад:

1. Аз ҷониби муаллиф дар автореферат (саҳ. 11) расми 1 модели ташкилии баҳисобгирии идоракунии хароҷот барои корхонаҳои таъминкунандаи барқ пешниҳод карда шудааст. Мутаасифона муаллиф дар кор ҷорисозии малии раванди ин моделро дар корхонаҳои ватании таъминкунандаи барқ (ба монанди Барқи Тоҷик) мавриди таҳқиқ қарор надодааст.

2. Дар кор аҳамияти махсус ба ташкили таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии хароҷоти интиқол ва тақсими нерӯи барқ дода шуда, дар асоси пажӯҳиши ҳар як зинаи ҷараёни баҳисобгириву назорат марҳилаҳои муҳими он ҷудо карда шудаанд, (саҳ 15) дар расми 2 таъмини баҳисобгирӣ - таҳлилии хароҷоти интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ марҳила ба марҳила нишон дода шудааст, вале дар марҳилаи 5-ум муаллиф хавфҳои дохиливу берунӣ,ки дар хароҷоти интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ ҷой доранд, таҳлил ва баҳодиҳии онҳоро дар зинаи макро нишон надодаст.

3. Дар қисми назариявӣ - методологӣ ва умуман дар автореферат моҳияти танзими давлатӣ вобаста ба такмили механизми идоракунии соҳаи энергетикаи мамлакат нокифоя кушода шудааст.

Вале камбудиҳои мавҷуда қимати илмӣ ва амалии рисолаи илмиро паст намекунанд. Истифодабарии маҷмӯавии усулҳо ва роҳҳои интихобшуда ба унвонҷӯ имконият додааст, ки саҳеҳияти тақозо-шавандаи хулосаҳои назарявӣ ва пешниҳодҳои амалии тадқиқоти мазкурро таъмин намояд. Мавзӯи кори диссертатсионӣ пурра кушода шудааст, тавсия ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳмияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Автореферати кори илмии Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович дар мавзӯи “Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқӣ” (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 - Баҳисобгирӣ ва аудит, пешниҳод шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Тақриздиҳанда: Мудири кафедраи «Назарияи иқтисодӣ ва молия» - и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, н.и.и., и.в. дотсент Куганов Н. К.**

Имзои Куганов Неъмат Камолович - ро тасдиқ менамоям:
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.**

**Суроға:Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб,
кӯчаи С.Сафаров, 16
Тел: (+992 33 22) 2-35-06
E-mail: info@kgu.tj**